# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Ализода Ҳокимхон Сафолиён дар мавзуи “Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм аз рӯйи ихтисоси 6.2.2 Назарияи забон. – Душанбе, 2026. – 360 с.**

Диссертатсияи **Ализода Ҳокимхон Сафолиён** дар мавзуи **“Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)”** ба яке аз масъалаҳои муҳимтарин илми забоншиносии навини тоҷик ва рушду ташаккули он бахшида шуда, ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон пурра мувофиқат мекунад, чунки дар талаботи шиносномаи ихтисоси мазкур таҳқиқ ва паҳуҳиши масоили забоншиносӣ, моҳият, сохтор, вазифа ва қонуниятҳои умумии забон пешбинӣ шудаанд.

Диссертатсияи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳимми таърихи илми забоншиносии тоҷик – таърих ва марҳилаҳои ташаккули забоншиносии навини тоҷик бахшида шуда, муаллиф дар асоси таҳлили васеи сарчашмаҳои илмӣ, осори назариявӣ, маводди таърихӣ ва таҳқиқоти забоншиносӣ раванди пайдоиш, ташаккул ва рушди ин соҳаро мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор додааст.

Аз таҳлили маводди рисола бармеояд, ки ташаккули забоншиносии навини тоҷик раванди тӯлонии таърихӣ дошта, заминаҳои он ҳанӯз дар давраҳои пеш аз ташаккули сохторҳои муосири илми забоншиносӣ ба вуҷуд омадаанд. Муаллиф дуруст нишон медиҳад, ки марҳилаи нави рушди афкори забоншиносӣ аз солҳои 40-уми асри XIX, дар замони Русияи подшоҳӣ оғоз ёфта, бо таълифи грамматикаҳо, луғатҳо, дастурҳои таълимӣ ва таҳқиқоти шарқшиносон заминаҳои илмии омӯзиши забони тоҷикӣ фароҳам оварда шуданд.

Яке аз дастовардҳои муҳими рисола нишон додани нақши муҳаққиқони рус ва аврупоӣ дар омӯзишу тавсифи забони тоҷикӣ мебошад. Муаллиф бо таҳлили асарҳои грамматикӣ ва таҳқиқоти шевашиносӣ собит менамояд, ки ин пажуҳишҳо, ҳарчанд бо ҳадафҳои гуногуни илмӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ анҷом ёфта буданд, дар ташаккули усулҳои илмии омӯзиши забони тоҷикӣ нақши муайян гузоштаанд. Махсусан, таҳқиқоти марбут ба шеваҳои тоҷикӣ дар асарҳои муҳаққиқоне чун Василий Григорев ва дигар шарқшиносон барои рушди минбаъдаи шевашиносии тоҷик заминаи муҳим фароҳам овардааст.

Муаллиф марҳилаи пас аз Инқилоби Октябрро ҳамчун давраи нави рушди забони адабӣ ва забоншиносии тоҷик арзёбӣ намуда, нишон медиҳад, ки дар ин давра масъалаҳои меъёрсозии забони адабӣ, таҳияи алифбо, имло, истилоҳот, таълифи китобҳои дарсӣ ва наздик намудани забони адабӣ ба забони омма ба масъалаҳои муҳимми илмӣ ва иҷтимоӣ табдил ёфтанд. Таҳлили мубоҳисаҳои солҳои 20-30-уми асри XX нишон медиҳад, ки маҳз дар ҳамин давра пояҳои асосии забоншиносии навини тоҷик гузошта шуданд.

Қобили таъкид аст, ки дар диссертатсия нақши шахсиятҳои маъруфи илмиву адабӣ дар ташаккули афкори забоншиносии тоҷик ба таври муфассал баррасӣ гардидааст. Аз ҷумла, фаъолияти устод Садриддин Айнӣ ва дигар аҳли илму адаб дар муайян намудани меъёрҳои забони адабӣ, ҳифзи хусусиятҳои миллӣ ва рушди забони тоҷикӣ ба таври дуруст арзёбӣ шудааст.

Қисмати муҳимми рисола ба давраи шуравии рушди забоншиносии тоҷик бахшида шудааст. Муаллиф бо таҳлили фаъолияти муҳаққиқони солҳои 40-80-уми асри XX нишон медиҳад, ки маҳз дар ин давра забоншиносии тоҷик ҳамчун як соҳаи мустақили илмӣ ташаккул ёфта, дар ҳамаи бахшҳои он – фонетика, лексикология, сарфу наҳв, фразеология, услубшиносӣ, шевашиносӣ ва истилоҳот таҳқиқоти бунёдӣ анҷом дода шуданд. Таълифи «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» ҳамчун яке аз дастовардҳои муҳимми ин давра ба таври шоиста арзёбӣ шудааст.

**Муқаддимаи диссертатсия** дар ҳаҷми 17 саҳифа (саҳ. 5-21) таҳия гардида, аз нигоҳи сохтор ва муҳтаво ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои докторӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар он ҳамаи унсурҳои ҳатмии таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла, мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯзиши масъала, робитаи таҳқиқ бо барномаҳои давлатӣ ва самтҳои афзалиятноки илм, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, саҳми шахсии муҳаққиқ, мутобиқати мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, тасвиб ва интишори натиҷаҳои илмӣ бо тартиби мантиқӣ ва пайдарпай баён гардидаанд.

Муаллиф мубрамии мавзуъро бо далелҳои илмӣ асоснок намуда, зарурати таҳқиқи таърихи ташаккули забоншиносии навини тоҷикро дар заминаи таҳаввулоти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеаи тоҷик нишон додааст. Ба таври саҳеҳ таъкид мешавад, ки омӯзиши таърихи афкори

забоншиносӣ на танҳо барои муайян намудани марҳилаҳои рушди илми забоншиносӣ, балки барои дарки равандҳои ташаккули забони адабии муосири тоҷик, такомули меъёрҳои он ва муайян намудани ҷойгоҳи мактабҳои илмии миллӣ аҳаммияти калони назариявӣ ва амалӣ дорад.

Ҷиҳати муҳимми муқаддима дар он аст, ки муаллиф масъалаи таҳқиқро аз заминаҳои амиқи таърихӣ оғоз намуда, решаҳои афкори забоншиносии тоҷикро аз давраҳои пеш аз ислом то давраи муосир пайгирӣ менамояд. Бо такя ба осори донишмандоне чун Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Шамси Қайси Розӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигар намояндагони илму адаби тоҷик нишон дода шудааст, ки афкори забоншиносӣ дар муҳити илмии тоҷикон таърихи тӯлонӣ дошта, забоншиносии навини тоҷик дар заминаи ҳамин анъанаҳои илмӣ ташаккул ёфтааст.

Дар қисмати "Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ" муҳаққиқ осори олимони тоҷик ва хориҷиро мавриди таҳлили интиқодӣ қарор дода, нишон медиҳад, ки ҳарчанд масъалаҳои алоҳидаи таърихи забоншиносии тоҷик дар таҳқиқоти Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов, Шарофиддин Рустамов, Давлатбек Хоҷаев, Александр Юнусов ва дигар донишмандон баррасӣ гардидаанд, вале масъалаи ташаккули забоншиносии навини тоҷик ҳамчун як раванди том аз солҳои 1840-уми асри XIX то давраи бозсозӣ то ҳол мавриди таҳқиқи махсус қарор нагирифтааст. Маҳз ҳамин хулоса зарурати анҷом додани таҳқиқоти мазкурро асоснок месозад.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар муқаддима робитаи мавзуи таҳқиқ бо санадҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон", барномаҳои давлатии рушди забон ва дигар ҳуҷҷатҳои соҳавӣ нишон дода шудааст. Ин омил аҳаммияти амалии таҳқиқро боз ҳам бештар намуда, мувофиқати онро ба сиёсати давлатии рушди забони тоҷикӣ тасдиқ менамояд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ** ба таври мушаххас муайян гардида, бо мазмун ва сохтори диссертатсия мувофиқ мебошанд. Вазифаҳои пешниҳодшуда тамоми самтҳои асосии таҳқиқро фаро гирифта, барои расидан ба мақсади илмӣ заминаи зарурӣ фароҳам овардаанд. Объект ва предмети таҳқиқ низ дуруст интихоб шуда, бо муҳтавои рисола мувофиқ мебошанд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқ** дар заминаи осори донишмандони маъруфи тоҷик, рус ва хориҷӣ муайян гардидаанд. Феҳристи васеи

муҳаққиқони истифодашуда аз фарогирии адабиёти илмӣ ва ошноии хуби муаллиф бо масъалаҳои назарияи забон ва таърихи забоншиносӣ шаҳодат медиҳад.

**Навгонии илмии таҳқиқ** ба таври возеҳ ифода гардидааст. Аз ҷумла, бори нахуст ташаккули забоншиносии навини тоҷик дар давраи солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ ҳамчун як раванди ягонаи таърихӣ таҳлил гардида, даврабандии илмии рушди он пешниҳод шудааст. Ҳамчунин, саҳми шарқшиносони рус, равшанфикрони маҳаллӣ ва забоншиносони тоҷик дар ташаккули афкори забоншиносии навини тоҷик дар заминаи сарчашмаҳои гуногун мавриди таҳқиқи густурда қарор гирифтааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда** мазмуни асосии натиҷаҳои илмии диссертатсияро инъикос намуда, бо мақсад, вазифаҳо ва муҳтавои таҳқиқ мутобиқ мебошанд. Онҳо навгонии илмии рисоларо таҷассум намуда, аз мустақилияти илмии муаллиф шаҳодат медиҳанд.

Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, зербобҳо ва феҳристи адабиёт иборат буда, дар умум, 360 саҳифаи компютериро ташкил медиҳад.

Дар маҷмуъ, муқаддимаи диссертатсия аз ҷиҳати сохтор, мантиқ, асоснокии илмӣ ва мутобиқат ба талаботи рисолаҳои докторӣ дар сатҳи баланд таҳия гардида, заминаи назариявию методологии таҳқиқро ба таври мукаммал муайян менамояд ва барои баррасии бобҳои асосии диссертатсия заминаи илмии устувор фароҳам месозад.

**Боби якуми** таҳқиқот **"Ташаккули забоншиносии навини тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX"** ба масъалаи ташаккул ва марҳилаҳои рушди афкори забоншиносии тоҷик то давраи ташаккули забоншиносии муосири тоҷик бахшида шуда, дар он заминаҳои таърихӣ, сарчашмаҳои илмӣ ва омилҳои асосии таъсиррасон ба инкишофи андешаҳои забонӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтаанд.

Таҳлили маводди ҷамъоваришуда нишон медиҳад, ки афкори забоншиносии тоҷик дорои заминаҳои амиқи таърихӣ буда, ташаккули он ба анъанаҳои илмӣ ва фарҳангии мардуми форсу тоҷик робитаи ногусастанӣ дорад. Андешаҳои забонӣ дар осори донишмандони классикии форсу тоҷик, ки ба масъалаҳои сохтори забон, қоидаҳои сарфию наҳвӣ, хусусиятҳои овозӣ, маънои вожаҳо ва усулҳои истифодаи онҳо бахшида шудаанд, барои рушди минбаъдаи илми забоншиносӣ заминаи назариявӣ фароҳам овардаанд.

Дар боби мазкур собит гардидааст, ки фарҳангнигорӣ ва дастурнигорӣ ҳамчун ду самти муҳими таҳқиқи забон дар таърихи илму

фарҳанги тоҷикон нақши муассир доштаанд. Фарҳангҳои тафсирӣ, аз ҷумла, "Ғиёс-ул-луғот"-и Муҳаммад Ғиёсиддини Ромпурӣ ва "Ҳафт қулзум"-и Ғозиуддин Ҳайдар Подшоҳи Ғозӣ, на танҳо барои шарҳу тавзеҳи воҳидҳои луғавӣ, балки барои сабти меъёрҳои дастурӣ, хусусиятҳои сохтории калимаҳо ва қоидаҳои истифодаи забони адабии тоҷикӣ аҳаммияти муҳим доранд. Ин асарҳо идомаи анъанаҳои забоншиносии классикиро таъмин намуда, ҳамчун сарчашмаҳои арзишманди омӯзиши таърихи забони тоҷикӣ хизмат менамоянд.

Дар натиҷаи таҳлили асари "Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун"-и Воҷидалии Муҷмалӣ муайян гардид, ки муаллиф дар баробари ҷамъбасти донишҳои замони худ ба масъалаҳои таълими забон, усулҳои омӯзиши грамматика ва зарурати такмили барномаҳои таълимӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст. Андешаҳои ӯ дар бораи зарурати омӯзиши низоми дастурии забони форсии тоҷикӣ яке аз намунаҳои муҳимми гузариш аз дастурнигории анъанавӣ ба таҳқиқоти нисбатан муназзами забонӣ ба ҳисоб меравад.

Баррасии низоми таълими мадрасаҳои Осиёи Миёна нишон дод, ки гарчанде дар ин муассисаҳо, асосан, омӯзиши сарфу наҳви арабӣ мавқеи марказӣ дошт, забони форсии тоҷикӣ низ ҳамчун воситаи муҳимми таълим ва фарҳанг дар раванди таҳсил ҷойгоҳи муайян дошт. Маҳз ҳамин заминаҳои таълимӣ барои пайдоиш ва рушди китобҳои дарсӣ аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ дар давраи баъдӣ мусоидат намуданд.

Дар боб, инчунин, нақши мактабҳои усули нав ва фаъолияти маорифпарварон дар ташаккули забоншиносии навини тоҷик муайян карда шудааст. Таълифи китобҳои дарсии "Сарфу наҳви тоҷикӣ"-и Сайидризо Ализода, "Қоидаҳои муҳим аз сарфу наҳви тоҷикӣ"-и Абдурауфи Фитрат, "Сарфи забони тоҷикӣ"-и Турақул Зеҳнӣ ва дигар асарҳои таълимӣ марҳилаи муҳими ташаккули меъёрҳои грамматикии забони адабии тоҷик ба шумор меравад. Ин асарҳо барои гузариш аз усулҳои анъанавии таълим ба низоми нави омӯзиши забон заминаи мусоид фароҳам оварданд.

Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия дар нимаи дуюми асри XIX ба раванди ташаккули забоншиносии навини тоҷик таъсири назаррас гузоштааст. Тавассути мактабҳои русӣ-маҳаллӣ, китобҳои дарсӣ ва фаъолияти шарқшиносони рус усулҳои нави таҳқиқи забон, таснифи воҳидҳои забонӣ ва тавсифи низоми грамматикӣ ба муҳити илмии тоҷик ворид гардиданд. Асари М. А. Терентев "Грамматика турецкая, персидская, киргизская и узбекская" дар ин

раванд ҳамчун яке аз намунаҳои аввалини истифодаи усули аврупоию русии тавсифи забони тоҷикӣ аҳаммияти махсус дорад.

Ҳамин тариқ, таҳлили масъалаҳои дар боби якум баррасишуда имкон медиҳад, ки чунин хулоса бароварда шавад: забоншиносии навини тоҷик дар заминаи ҳамгироии се омили асосӣ ташаккул ёфтааст: якум, мероси пурғановати забоншиносии классикии форсу тоҷик; дуюм, фаъолияти фарҳангнигорон, дастурнигорон ва маорифпарварони миллӣ; сеюм, таъсири дастовардҳои забоншиносии рус ва аврупоӣ. Ин омилҳо барои ба вуҷуд омадани низоми нави таҳқиқи забони тоҷикӣ ва ташаккули минбаъдаи он ҳамчун илми мустақил заминаи мусоид фароҳам оварданд.

**Боби дуюм** "Ташаккули забоншиносии навини тоҷик дар солҳои 20-30-юми асри XX" ба таҳлилу баррасии саҳми як зумра донишмандон ва зиёиёни тоҷик дар ташаккули афкори забоншиносии навини тоҷик бахшида шудааст. Дар ин боб равандҳои асосии рушди забоншиносии тоҷик дар давраи аввали асри XX, масъалаҳои такмили забони адабӣ, алифбо, имло, истилоҳсозӣ, сарфу наҳв ва таҳияи китобҳои дарсии забони тоҷикӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Муаллиф бо таҳлили осори намояндагони барҷастаи забоншиносии тоҷик нишон медиҳад, ки солҳои 20–30-уми асри XX марҳилаи муҳими ташаккули илми забоншиносии тоҷик ба шумор меравад. Дар ин давра масъалаҳои марбут ба содагардонии забон, наздик намудани забони адабӣ ба забони гуфтугӯйии мардум, интихоби алифбои муносиб, таҳияи истилоҳоти илмӣ ва эҷоди китобҳои дарсии миллӣ аҳаммияти махсус пайдо намуданд.

Дар боб нақши Бектош дар масъалаҳои забони адабӣ, меъёрсозӣ, поксозии забон аз унсурҳои нолозими бегона, истифодаи захираи луғавии забони тоҷикӣ ва мутобиқ намудани алифбо ба хусусиятҳои савтии забон ба таври муфассал таҳлил шудааст. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки андешаҳои Бектош оид ба сода ва равон кардани забони адабӣ, робитаи он бо ниёзҳои иҷтимоии ҷомеа ва истифодаи усулҳои илмии забоншиносӣ барои рушди минбаъдаи забони тоҷикӣ аҳаммияти назаррас доштанд.

Ҳамчунин, дар боб саҳми Баҳром Ҳоҷизода дар рушди наҳви забони тоҷикӣ баррасӣ гардидааст. Таҳлили китоби дарсии "Наҳви забони тоҷикӣ" (бо ҳаммуаллифии М. Беленитский) нишон медиҳад, ки ин асар яке аз аввалин кӯшишҳои муваффақ дар роҳи ба низоми муайян даровардани омӯзиши наҳви тоҷикӣ мебошад. Муаллифон дар шарҳи ҷумла, аъзои ҷумла, ҷумлаҳои сода ва мураккаб, инчунин, аломатҳои

китобатӣ усули нисбатан сода ва барои хонанда дастрасро пешниҳод намудаанд. Ин китоб дар ташаккули истилоҳоти наҳвии тоҷикӣ ва рушди китобҳои дарсии минбаъда нақши муҳим бозидааст.

Дар идомаи таҳқиқ саҳми Ҳомид Бақозода дар ташаккули забоншиносии навини тоҷик нишон дода шудааст. Муаллиф бо баррасии мақолаҳо ва китоби “Сарфи забони тоҷикӣ” (ҳаммуаллиф бо Т. Зеҳнӣ) собит месозад, ки Бақозода дар масъалаҳои савтиёт, алифбо, истилоҳот ва грамматикаи тоҷикӣ мавқеи илмии устувор дошт. Китоби мазкур барои давраи худ яке аз дастовардҳои муҳим дар таълими сарф ва таҳияи истилоҳоти грамматикӣ ба шумор мерафт.

Аз таҳлили маводди боби дуюм бармеояд, ки фаъолияти ин донишмандон на танҳо ба таълифи китобҳои дарсӣ ва мақолаҳои илмӣ маҳдуд нашуда, балки барои ташаккули низоми илмии забоншиносии тоҷик заминаи устувор фароҳам овардааст. Онҳо кӯшиш намудаанд, ки забони адабии тоҷикӣ ба талаботи замон мутобиқ гардида, дорои меъёрҳои муайян, истилоҳоти илмии дақиқ ва шакли оммафаҳм бошад.

Дар маҷмуъ, боби дуюм аҳаммияти таърихӣ ва илмии ташаккули афкори забоншиносии навини тоҷикро равшан менамояд. Таҳқиқи осори Бектош, Баҳром Ҳоҷизода, Ҳомид Бақозода ва дигар намояндагони ин давра нишон медиҳад, ки онҳо дар бунёд ва рушди забоншиносии муосири тоҷик, такмили забони адабӣ, таҳияи дастурҳои илмӣ ва тарбияи насли нави муҳаққиқони забон саҳми арзанда гузоштаанд. Натиҷаҳои бадастомада аҳаммияти назариявӣ ва амалии худро барои омӯзиши таърихи забоншиносии тоҷик нигоҳ медоранд.

**Боби сеюми** таҳқиқот **“Ташаккули забоншиносии навини тоҷик дар солҳои 40-50-уми асри XX”** ба баррасии фаъолияти илмӣ ва афкори забоншиносии як қатор намояндагони барҷастаи илму адаби тоҷик, аз ҷумла, Абулқосим Лоҳутӣ, Садриддин Айнӣ, Абдусалом Деҳотӣ ва академик Абдулғанӣ Мирзоев бахшида шудааст. Таҳлили осори онҳо нишон медиҳад, ки ҳар яке дар ташаккул ва рушди забоншиносии навини тоҷик саҳми муҳим гузоштаанд.

Яке аз хусусиятҳои асосии фаъолияти забоншиносии устод С. Айнӣ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ барои ташаккули забони адабии муосири тоҷик кӯшиши зиёд намуда, забони осори классикӣ ва забони зиндаи мардумро бо ҳам пайваст кард. Ӯ аз имкониятҳои луғавӣ ва грамматикии забони классикӣ истифода намуда, онҳоро ба талаботи забони адабӣ мутобиқ сохт. Масалан, истифодаи сохторҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеъ

бо пайвандаки *“бе он ки”* дар осори ӯ ба густариши имкониятҳои наҳвии забони тоҷикӣ мусоидат намуд.

**Эрод:** Дар баробари саҳми бузурги С. Айнӣ дар рушди забони адабӣ, баъзе унсурҳои классикии воридкардаи ӯ дар забони имрӯза маҳдуд гардида, ҷойи худро ба шаклҳои содатар додаанд. Ин нишон медиҳад, ки забон ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ҳамеша дар тағйирот қарор дорад.

Фаъолияти А. Деҳотӣ низ яке аз марҳилаҳои муҳимми рушди забоншиносии тоҷик мебошад. Ӯ на танҳо шоир ва нависанда, балки муҳаққиқи забон, луғатшинос ва тартибдиҳандаи китобҳои дарсӣ буд. Хизмати ӯ бештар дар соҳаҳои луғатшиносӣ, таҳқиқи осори классикон ва такмили сохти грамматикии забон зоҳир мешавад.

Масалан, А. Деҳотӣ дар тартиб додани “Луғати русӣ-тоҷикӣ” иштирок намуда, барои ворид намудани ҳазорҳо калима ва истилоҳ ба забони адабӣ саҳм гузошт. Ҳамчунин, ҳангоми омода намудани осори классикон ӯ луғати калимаҳои душворфаҳмро таҳия мекард. Дар шарҳи осори Рӯдакӣ, Низомии Ганҷавӣ, Камоли Хуҷандӣ ва дигарон ӯ маънои калимаҳои куҳанро ба хонандаи имрӯз фаҳмонид.

Мисол: *“миҷмар”* – зарфе барои сӯзондани уд; *“паранд”* – матои абрешимии нафис; *“ҳотиф”* – овоздиҳанда.

**Эрод:** Кори луғатсозии А. Деҳотӣ, асосан, ба шарҳи вожаҳои классикӣ равона шуда буд, вале барои рушди минбаъдаи луғатшиносӣ зарурати таҳияи фарҳангҳои соҳавӣ ва муосир низ ба миён омад.

Қисми асосии боб ба фаъолияти забоншиносии академик Абдулғанӣ Мирзоев бахшида шудааст. Ӯ яке аз аввалин муҳаққиқони тоҷик буд, ки масъалаҳои назариявии забоншиносӣ, маъношиносӣ ва калимасозиро мавриди таҳқиқ қарор дод.

Дар асари “Дар атрофи палеонтологияи забон” А. Мирзоев масъалаҳои назариявии пайдоиш ва рушди забонро баррасӣ кардааст. Ӯ муносибати байни забон, тафаккур ва ҳаёти иҷтимоиро таъкид намуда, нишон медиҳад, ки тағйироти ҷамъиятӣ ба маънои калимаҳо таъсир мерасонанд.

Мисол: Калимаи “*раис*” дар давраҳои гуногун маъноҳои гуногун доштааст. Бо тағйири сохтори иҷтимоӣ маъно ва вазифаи он низ тағйир ёфтааст ва амсоли инҳо.

Ҳамин тавр, намояндагони баррасишуда дар боби сеюм дар рушди забоншиносии тоҷик нақши муҳим бозидаанд. С. Айнӣ – асосгузори бисёр меъёрҳои забони адабии муосири тоҷик ва пайвандгари забони классикӣ бо забони зиндаи мардум. А. Деҳотӣ – муҳаққиқи забон, луғатшинос ва

тарғибгари осори классикон. А. Мирзоев – яке аз аввалин назариячиёни маъношиносӣ ва калимасозии тоҷик.

Осори онҳо нишон медиҳад, ки рушди забони тоҷикӣ натиҷаи ҳамкории адабиёт, таърих, фарҳанг ва таҳқиқоти илмии забоншиносӣ мебошад. Саҳми ин донишмандон барои ташаккули забоншиносии навини тоҷик хеле арзишманд буда, омӯзиши минбаъдаи осори онҳо барои муҳаққиқони имрӯз низ аҳамияти калон дорад.

**Боби чоруми** таҳқиқот **"Масъалаҳои забоншиносии навини тоҷик дар солҳои 60-уми асри XX"** ба масъалаи ташаккул ва рушди забоншиносии навини тоҷик дар марҳилаи муайян бахшида шуда, дар он саҳми як қатор олимони намоёни тоҷик дар пешрафти бахшҳои гуногуни илми забоншиносӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифи диссертатсия бо такя ба осори илмии муҳаққиқон раванди ташаккули афкори забоншиносии тоҷикро нишон дода, нақш ва ҷойгоҳи ҳар як донишмандро дар рушди самтҳои алоҳидаи ин илм муайян намудааст.

Дар боби мазкур, пеш аз ҳама, саҳми академик Б. Ниёзмуҳаммадов дар таҳияи асосҳои назариявӣ ва методологии забоншиносии навини тоҷик, махсусан, дар таҳқиқи масъалаҳои наҳв, таснифи ҷумлаҳои мураккаб ва робитаи сохтору маънои воҳидҳои забонӣ нишон дода шудааст. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки фаъолияти илмии ӯ барои ташаккули мактаби забоншиносии тоҷик заминаи муҳим фароҳам овардааст.

Дар идома фаъолияти илмии Н. Маъсумӣ баррасӣ гардида, саҳми ӯ дар омӯзиши забон ва услуби асарҳои бадеӣ, маданияти сухан ва асосҳои услубшиносии тоҷикӣ арзёбӣ шудааст. Таҳқиқоти ӯ оид ба забон ва услуби осори адибони тоҷик барои ташаккули услубшиносӣ ҳамчун яке аз бахшҳои мустақили забоншиносӣ аҳаммияти калон дорад.

Дар боби мазкур, инчунин, фаъолияти илмии Р. Ғаффоров таҳлил шуда, нақши ӯ дар рушди услубшиносӣ, таҳқиқи забони асарҳои бадеӣ, муносибати забон ва эҷодиёти нависанда, масъалаҳои меъёри забони адабӣ нишон дода шудааст. Асарҳои ӯ оид ба забон ва услуби нависандагон ҳамчун таҳқиқоти арзишманд дар рушди забоншиносии тоҷик муаррифӣ гардидаанд.

Яке аз бахшҳои муҳимми боб ба фаъолияти илмии Ш. Рустамов бахшида шудааст. Муаллифи диссертатсия саҳми ӯро дар таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, махсусан, ҷумлаи пайрави сабаб, баррасӣ намуда, нишон медиҳад, ки пажуҳишҳои ӯ барои рушди наҳви тоҷик ва

такмили усулҳои таҳқиқи сохторию маъноии ҷумлаҳои мураккаб аҳаммияти назаррас доранд.

Дар идома осори Х. Ҳусейнов ҳамчун яке аз нахустин таҳқиқоти махсус дар соҳаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Муаллифи диссертатсия саҳми ӯро дар омӯзиши ҷумлаи пайрави замон, воситаҳои алоқаи синтаксисӣ, муносибатҳои замонӣ ва масъалаи сермаъноии ҷумлаҳои пайрав ба таври муфассал нишон додааст. Аз таҳлили анҷомёфта бармеояд, ки асари Х. Ҳусейнов барои таҳқиқоти минбаъдаи наҳви ҷумлаҳои мураккаби тоҷикӣ заминаи илмӣ гузоштааст.

Қисмати охири боб ба фаъолияти илмӣ ва фарҳангии М. Шакурӣ бахшида шуда, саҳми ӯ дар ҳифзи тозагии забони адабии тоҷик, рушди маданияти сухан, такмили забони матбуот ва тарғиби истифодаи дурусти воситаҳои забонӣ нишон дода шудааст. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки осори М. Шакурӣ на танҳо аҳаммияти забоншиносӣ, балки аҳаммияти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ дорад.

Дар маҷмӯъ, боби чорум яке аз қисматҳои муҳими таҳқиқот буда, бо таҳлили фаъолияти илмии намояндагони барҷастаи забоншиносии тоҷик саҳми онҳоро дар ташаккули мактабҳои илмӣ, рушди самтҳои гуногуни забоншиносӣ ва устувор гардидани пояҳои назариявии ин илм муайян менамояд. Боб аз ҷиҳати ҷамъоварии маводди илмӣ, таҳлили осори муҳаққиқон ва нишон додани нақши онҳо дар таърихи забоншиносии тоҷик арзиши назаррас дорад.

**Боби панҷуми** рисола **"Андешаҳои муҳаққиқони забон дар солҳои 70- уми асри XX"** ба баррасии марҳилаи муҳимми ташаккул ва рушди забоншиносии навини тоҷик бахшида шуда, дар он саҳми як қатор олимони маъруфи тоҷик дар таҳқиқи бахшҳои гуногуни илми забоншиносӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф бо такя ба осори илмии муҳаққиқон нишон медиҳад, ки солҳои 60-80-уми асри XX давраи пурбор ва марҳилаи муҳимми ташаккули мактабҳои илмии забоншиносии тоҷик ба шумор меравад.

Дар ин боб фаъолияти илмии забоншиносони тоҷик дар самтҳои асосии забоншиносӣ: овошиносӣ, луғатшиносӣ, сарфу наҳв, фразеология, услубшиносӣ, иборашиносӣ ва масъалаҳои меъёрии забони адабӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таҳлили осори олимон собит менамояд, ки онҳо на танҳо масъалаҳои ҷузъии забонро таҳқиқ кардаанд, балки барои ташаккули заминаҳои назариявӣ ва методологии илми забоншиносии тоҷик саҳми назаррас гузоштаанд.

Аз таҳлили маводди боби мазкур бармеояд, ки саҳми муҳаққиқоне чун Ф. Зикриёев дар таҳқиқи масъалаҳои мураккаби наҳви ҷумлаҳои мураккаб, махсусан, ҷумлаҳои пайрав ва ҷумлаҳои мураккаби пайваст, Ҳ. Маҷидов дар бунёдгузории илми фразеологияи тоҷик, П. Қурбонов дар омӯзиши баёния ва масъалаҳои марбут ба аъзои ҷумла, Б. Камолиддинов дар таҳқиқи муродифоти наҳвӣ, услубшиносӣ ва фарҳанги нутқ, инчунин, А. Мирзоев дар ташаккули назарияи ибора ва иборашиносии тоҷик хеле муҳим ва арзишманд мебошад.

Дар маҷмӯъ, таҳлили маводди боби панҷум нишон медиҳад, ки ин давра марҳилаи камолоти фикри илмии забоншиносони тоҷик буда, маҳз дар ҳамин замина самтҳои асосии таҳқиқоти забоншиносӣ ташаккул ёфтаанд. Олимони мавриди баррасӣ қарордошта бо асарҳои бунёдӣ, назарияҳои илмӣ ва мактабҳои таҳқиқии худ барои рушди минбаъдаи илми забоншиносии тоҷик заминаи мустаҳкам гузоштанд.

Боби мазкур аз ҷиҳати мазмун ва аҳаммияти илмӣ яке аз бахшҳои муҳими рисола ба ҳисоб рафта, муаллиф тавонистааст нақши олимони тоҷикро дар ташаккули забоншиносии муосири тоҷик, самтҳои асосии фаъолияти илмии онҳо ва аҳаммияти осори эшонро ба таври мушаххас нишон диҳад. Бо вуҷуди ин, дар баррасии чунин мавзуи фарох истифодаи таҳлили муқоисавӣ ва арзёбии амиқтари робитаи байни мактабҳои илмии гуногун метавонад дар таҳқиқоти минбаъда боз ҳам густариш ёбад. Боби мазкур, дар маҷмӯъ, саҳми арзандаи худро дар муайян намудани марҳилаҳои рушди забоншиносии тоҷик ва шиносонидани дастовардҳои олимони ватанӣ мегузорад.

Хулосаи диссертатсия аз 22 банд иборат аст, ки натиҷаҳои асосии диссертатсияро ташкил медиҳанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ** ба таври асоснок муайян гардидааст. Натиҷаҳои рисола метавонанд ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, курсҳои махсуси «Таърихи забоншиносии тоҷик», «Назарияи забон», «Таърихи забони тоҷикӣ», инчунин, дар таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ истифода шаванд.

Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ вобаста ба мавзуъ 24 мақолаи илмӣ нашр намудааст, ки аз ин шумора 18 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расонидааст.

Диссертатсияи **Кабилзода Ҳокимхон Сафолиён** дар мавзуи **"Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)"** масъалаҳои аломатҳои ба рушду

ташаккули забоншиносии навини тоҷик бахшида шуда, ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон пурра мувофиқат мекунад,

Автореферат бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ, ки аз диссертатсия бармеояд, мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос намуда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои бадастомада собит месозанд, ки рисолаи мазкур дорои аҳаммияти муҳимми илмӣ буда, дар омӯзиши таърихи ташаккули забоншиносии навини тоҷик саҳми муайян мегузорад. Муаллиф тавонистааст марҳилаҳои асосии рушди ин илмро муайян намуда, омилҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва илмии ташаккули онро равшан намояд.

Бо вуҷуди ин, бо назардошти фарохии мавзуъ, дар таҳқиқоти минбаъда метавон масъалаҳои муқоисаи мактабҳои гуногуни забоншиносӣ, таъсири мутақобилаи онҳо ва арзёбии амиқтари баъзе назарияҳои илмиро боз ҳам густариш дод. Ин нуктаҳо аҳаммияти умумии илмии рисоларо коҳиш намедиҳанд, балки метавонанд самтҳои нави таҳқиқоти ояндаро муайян намоянд.

Ҳамин тариқ, рисолаи таҳқиқии мазкур ҳамчун кори илмии мукаммал ва дорои арзиши назариявию амалӣ баҳо дода шуда, натиҷаҳои он барои омӯзиши минбаъдаи таърихи забоншиносии тоҷик ва таҳқиқи масъалаҳои марбут ба рушди забони адабии тоҷик аҳаммияти муҳим доранд.

Услуби баёни рисола илмӣ, пайдарпай ва мантиқӣ буда, хулосаҳои пешниҳодшуда аз муҳтавои таҳқиқ бармеоянд. Дар маҷмуъ, диссертатсия ба талаботи корҳои илмии дараҷаи докторӣ ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои назаррас, баъзе мулоҳизаҳои тавсиявӣ низ ҷой доранд:

1. Дар баъзе зербобҳо таҳлили муқоисавии афкори забоншиносони тоҷик бо намояндагони мактабҳои забоншиносии ҷаҳонӣ метавонист густурдатар бошад;
2. Дар мавриди даврабандии рушди забоншиносии навини тоҷик асосҳои методологии ҷудокунии баъзе марҳилаҳо бештар шарҳу тавзеҳро тақозо менамоянд;
3. Дар баъзе мавридҳо хулосаҳои мобайнии бобҳо метавонанд боз ҳам мушаххастар ва ҷамъбастӣ пешниҳод шаванд.

Мулоҳизаҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Бо назардошти аҳаммияти илмӣ, навгонӣ, асоснокии назариявӣ, арзиши амалӣ ва саҳми назарраси муаллиф дар таҳқиқи таърихи забоншиносии тоҷик, чунин мешуморам, ки диссертатсияи **Вализода Ҳокимхон Сафолиён** дар мавзуи **"Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)"** ба талаботи муқарраргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои докторӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Профессори кафедраи забонҳои хориҷии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои филологӣ Раҳмон Наргис Шариф
"21" июли 2026
**Суроға:** 734003, ш. Душанбе, н. Сино, хиёбони
Нусратулло Махсум 8/4, 43
Телефон: 917-09-02-99;
Email:: nargisbonu66@mail.ru.

Имзои Н.Ш. Раҳмонро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва корҳои
махсуси АИДНПҶТ Насурдинзода Аслиддин Насурдин

**Суроға:** 734003, ш. Душанбе,
кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (992 37) 224-17-86
www.apa.tj
"21" июли соли 2026